«Тасдиқ мекунам»

___________________________

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.

«3» ___02___с. 2023

# ХУЛОСАИ
## маҷлиси муштараки кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оид ба мубрамият ва аҳамиятнокии мавзуи татқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси № 4 аз 12-уми декабри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Атаев Акмалхон Саидумарович унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва тиҷорати Тоҷикистон буда, соли 2004 филиали дар шаҳри Хуҷанд будаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи унвонҷуй бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 26 – уми январи соли 2017, таҳти № 5 тасдиқ шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Роҳбари илмӣ – Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Раиси комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ мебошад. Давлати ҳуқуқбунёд кафили таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои

гражданӣ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Муқарраркунии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба манзил дастовардҳои сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як давлат мебошад, аз ҷумла Тоҷикистон. Ин ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотҳои давлатиро барои қабул кардани андешидани тадбирҳои амалӣ на танҳо дар соҳаи сохтмон ва таҷдиди фондҳои давлатӣ ва хусусии манзил, балки фароҳам овардани шароитҳои мусоиди зист аз ҷиҳати ба истеъмолкунандагон пешниҳод кардани як қатор хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналие, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқат мекунанд, вазифадор месозад. Аз татбиқгардии консепсияи илмии муосири танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии коммуналӣ ба қадри имкон муваффақияти тамоми ташаккулҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин таи солҳои ислоҳот дар ин соҳа тағйиротҳои ҷиддии мусбӣ ба вуҷуд наомаданд. Хоҷагидории коммуналӣ ҳанӯз бо мавҷуд набудани муносибатҳои назарраси иқтисодӣ ва сифати басо пасти хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, мавқеи ҳукмфармоии ташкилотҳои захиратаъминкунанда ва аз ҳамдигар ҷудо будани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро танзимкунанда баҳо дода мешавад.

Яке аз муаммоҳои асосӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар ҶТ таъмини мутобиқатии қонунгузории таъмини шаҳрвандонро бо нерӯҳои барқӣ, гармӣ, оби нӯшокиро танзимкунандае мебошад, ки барои эҳтиёҷҳои аҳолӣ муҳим ҳастанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки масъалаи дастрасии пурраи аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ аз ҳадафҳои аслии роҳбарияти давлату Ҳукумат маҳсуб ёфта, ин раванд дар мамлакат тавассути татбиқи тарҳҳои сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои ҷумҳуриявӣ марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад. Тавре, ки дар конфронси илмию амалии «Стратегияи истифодабарии захираҳои обию энергетикии Тоҷикистон» зикр гардид, сифати оби нӯшока барои таъмини саломатии аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ мебошад.

Мувофиқи меъёрҳои қонунгузории ҶТ «Дар бораи энергетика, «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов», «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкатҳои соҳибмулкони манзил», Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ, Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ хизматрасонии коммуналӣ ё ин ки таъмини захираҳои коммуналӣ дар асоси шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳуқуқи гражданӣ нахустин маротиба пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ таҳлил шудааст.

Натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши назариявиро дар соҳаи мазкур васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба проблемаҳои институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи

хизматрасонии коммуналӣ ҳал карда шаванд. Чунин меҳисобем, ки татбиқи назариявӣ ва амалии донишҳои пайдошуда ба танзими шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиши маҷмӯии ақидаҳо ва назарияҳои илмӣ доир ба мафҳум, аломатҳои хизматрасонии коммуналӣ, мафҳум ва хусусиятҳои шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ва таҳлили қонунгузории ҷории ҶТ дар ин соҳа, инчунин дар коркард ва пешниҳод намудани тавсияю пешниҳодҳо баҳри боз ҳам мукаммалтар гардонидани институти шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ зоҳир мегардад. Барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо вазифаҳои зерини тадқиқоти диссертатсионӣ гузошта шудаанд:

– дар асоси омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ таҳлил кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ, таҳқиқ кардани мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқҳои гражданӣ;

– муайян ва таҳлил намудани аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ;

– таҳлили манбаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ;

– шарҳ додани тавсифи умумӣ ва таснифи шартномаҳои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ;

– таҳлили шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ ва муайян кардани мавқеи он дар низоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ва манзилӣ-ҳуқуқӣ;

– таҳлили шартномаи таъминоти барқ ва гармӣ ба аҳолӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ;

– коркард ва пешниҳод кардани тавсияҳо, таклифу пешниҳодот баҳри мукаммал гардонидани институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузоштешуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи илмиаш 5 мақолаҳои илмӣ дорад, ки 4-тои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ интишор шудааст.

Диссертатсияи мазкур давоми солҳои 2022 ду маротиба дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи гражданиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокимашуда ва баъдан ба ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди донишгоҳ тавсия шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои апрелии ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои байналмиллалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст. Хулосаҳо, муқаррарот ва таклифу тавсияҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда дар мақолаҳои ба чоп расидаи муаллиф ва як қатор конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ инъикос ва баён шудаанд, аз ҷумла дар конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳии «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккуёбии иқтисодиёти рақамӣ» (22-25 апрели соли 2020).

**Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси** 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад. Вобаста ба диссертатсияи мазкур ҷаласаи муштарак,

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад
2. Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 20-уми январи соли 2023, таҳти №340/1) аз 31-уми январи соли 2023.

Раиси маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қурбонализода Н.Ш.

Котиби маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи
истифодаи сарватҳои табиии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Қурбонов Қ.Б.

Муқарризи №1:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии
муассисаи таълимии байнидавлатии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Носиров Х.Т.

Муқарризи №2:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода П.З.

Имзоҳои Қурбонализода Н.Ш.,
Қурбонов Қ.Б., Мирзозода П.З. тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Имзои Носиров Х.Т. тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
муассисаи таълимии байнидавлатии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А.А.

«31» январи соли 2023